Б. БОЙНАЗАРОВ, Д. ҲАЛИМЗОДА, Г. РАҶАБАЛИЕВА

# САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

# 3



## *МУРОҶИАТ*
## *БА ХОНАНДАИ КИТОБ*

***Дӯсти ҷавони ман. Бидон ва огоҳ бош, ки китоб дар радифи Модар ва Ватан арзандатарин муқаддасот ба ҳисоб меравад. Тамоми бузургон, донишмандон ва хирадмандони гузаштаву муосир китобро яке аз беҳтарин арзишҳои зиндагӣ дониста, онро «аниси кунҷи танҳоӣ» ва «фурӯғи субҳи доноӣ» пиндоштаанд.***

***Китобе, ки дар даст доред, бо заҳмати ниҳоят зиёд аз чоп баромадааст. То дар ин шакли ниҳоят зебо ва мазмуни баланд ба дасти Шумо расидан муаллифон, ҳуруфчинон, рассомон, саҳифабандон ва ноширон ранҷи бисёре кашидаанд, маблағи зиёде сарф кардаанд. Бинобар ин, ба қадри меҳнати онҳо расидан камоли боодобист. Китобро азизу муқаддас донед, чун гавҳараки чашм онро эҳтиёт намоед. Китобро бо шавқу завқи беандоза мутолиа созед, аз мундариҷаи он донишатонро афзун гардонед ва бомаърифату соҳибхирад шавед!***

***Бидонед, ки китобхониву китобдӯстӣ инсонро ҳатман ба қуллаи мурод мерасонад, мартабаашро дар ҷамъият баланд мебардорад, ӯро ҳимматбаланду қадршинос мегардонад. Эҳтиром ба Ватан, ифтихор бо Тоҷикистони азиз, дӯст доштани ҳар гӯшаву канори он аз дуруст мутолиа кардани китоб ва азбар кардани мазмуни матнҳои он ба даст меояд.***

***Ба Шумо, дӯсти ҷавони ман, дар роҳи омӯзиш, азхуднамоии арзишҳои бузурги инсонӣ муваффақиятҳо таманно дорам.***

*Бо эҳтиром*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон* — *Эмомалӣ Раҳмон*



ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

Б. Бойназаров, Д. Ҳалимзода, Г. Раҷабалиева

# САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

## Китоби дарсӣ барои синфи 3

*Нашри 2-юм*
*бо ислоҳоту тағйиротҳо*



Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст

САРПАРАСТ
Душанбе
2007

ББК 74.202.66
И86

**Б. Бойназаров, Д. Ҳалимзода, Г. Раҷабалиева.**
**Санъат ва меҳнат**. Китоби дарсӣ барои синфи 3. – Душанбе: «Сарпараст». – Соли 2007. – 96 саҳифа.

Муаллимони мӯҳтарам!

Хоҳишмандем, фикру мулоҳизаҳои худро оид ба мазмуни китоби мазкур ба нишонии 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45, Пажӯҳишгоҳи улуми педагогии Тоҷикистон ирсол намоед.

ISBN 978-5-902614-25-8
© «Сарпараст», 2007

# ДАРСИ 1

## САЁҲАТ

## Экскурсия

Мувофиқи шароити маҳал (мактаб) яке аз мавзӯъҳои зеринро интихоб намоед:

1. Саёҳат ба устохона, боғ ё саҳро.
2. Саёҳат ба завод, фабрика ё дигар корхонаю муассиса.
3. Саёҳат ба фермаи чорводорӣ, парандапарварӣ, майдони кишт, ҷангал.

**Шартҳои ташкил кардани саёҳат**

1. Масофаи байни мактабу макони интихобшуда (рафту омади пиёда) аз 10–15 дақиқа ва бо нақлиёт 20–30 дақиқа набояд зиёд бошад.
2. Пешакӣ бояд роҳи сафар, тартиби роҳгардӣ, мақсади сафар ба хонандагон фаҳмонда шавад.
3. Муаллим бояд пешакӣ ба сардори корхона, муассиса ё колхозу совхоз дар бораи саёҳат маслиҳат кунад.
4. Мақсади саёҳат ба сардорони ҷои таъйиншуда маълум карда шавад.
5. Вақти саёҳат пешакӣ бояд муайян карда шавад.

# ДАРСИ 2

## СУРОБСОЗӢ ВА ОРОИШИ ЗАРФҲО

Ба воситаи маводи аз саёҳат ҷамъовардаатон суроби ҷисмҳои дилхоҳатонро созед.

**Шакли якум.** Аз гил ё меваи сӯзанбарг, пӯчоқи чормағзу тухм чунин суробҳоро сохтан мумкин аст? (*расмҳои 1, 2, 3*). Сар ва пойҳои онҳо аз пластилин сохта мешавад.



Расми 1



Расми 2



Расми 3

**Шакли дуюм.** Ороиши зарфҳо ба воситаи тухми рустаниҳо (*расмҳои 4, 5, 6*).



Расми 1



Расми 2



Расми 3

Тартиби иҷрои супориш: ба зарфи интихобкардаатон як қабат пластилин молида, пас тухмиҳоро рӯи он бо як тартиб часпонед.

**Шакли сеюм.** Агар баргҳои ҷамъовардаатон шаклан ва ҳаҷман якхела бошанд, пас ба воситаи онҳо гулҳо сохтан мумкин аст.

Тартиби иҷрои супориш: симеро интихоб намуда, ба он як лӯндача пластилинро часпонед.

Баъд гирдогирди он баргҳо часпонда, гули дилхоҳатонро ҳосил намоед.



# ДАРСИ 3

## АЛОМАТҲОИ РОҲ

Дар синфи дуюм як қатор аломатҳои роҳро сохта, истифодабарии онҳоро омӯхта будед. Имсол имконият доред, ки шаклҳои дигари нишонаҳоро омӯзед.

1. Аломатҳои огоҳкунанда.



*Расми 1*



*Расми 2*



*Расми 3*

Аломатҳо огоҳ мекунанд: ба тарафи рост (*расми 1*) гардед, пеш рафтан манъ аст (*расми 2*), ин ҷо мактаб аст (*расми 3*).

2. Аломатҳои манъкунанда.



***Расми 4***




***Расми 5***



***Расми 6***

Аломати якум (*расми 4*) истоданро манъ мекунад. Аломати дуюм огоҳ мекунад, ки вазни бор на бояд аз 7 тонна зиёд бошад (*расми 5*). Дар аломати сеюм (*расми 6*) манъ шудани велосипедронӣ ишора шудааст.

## ДАРСҲОИ 4–5

## ЧАРОҒАКИ РОҲНАМО

Ба расми зерин нигаред.



Чунин чароғакро дар кӯча дидаед? Автомобил ҳангоми фурӯзон шудани кадом ранги он ҳаракат мекунад? Дар кадом ранг меистад?

Аз расми боло истифода бурда, аз қуттиҳои холишудаи гӯгирд чароғаки Роҳнамо созед.

Бо коғазҳои ранга чароғакро оро диҳед.

# ДАРСҲОИ 6–7

## МОДЕЛИ АВТОМОБИЛ

Расмҳои зеринро аз назар гузаронед.









Кадом автомобилҳоро дидаед, кадоми онҳо бор ва кадомашон одам мекашонанд? Қисмҳои асосии автомобилро номбар кунед.

Аз қуттиҳои гӯгирд ё қуттиҳои сохтаи худ чунин автомобил созед:



Мустақилона тамғаи дилхоҳатонро интихоб намоед.

# ДАРСИ 8
## ГУЛДӮЗӢ

Дар маҳаллаи шумо бештар дар кадом шакл гулдӯзӣ мекунанд? Оё гулдӯзиҳои рӯймолҳои хурду калон, рӯймолчаҳо, тоқиҳои гулдӯзӣ, зардевориҳоро

мушоҳида кардаед? Якчанд шакли гулдӯзиро машқ карда дар хотир гиред.









# ДАРСИ 9

## ЁРӢ ДАР ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛ

Ба инобат гиред, ки дар маҳалли шумо одамон (мактаббачагон, падару модарон) машғули кадом корҳоянд.

Агар мавсими ҷамъоварии меваҷот расида бошад, пас бояд қоидаҳои зеринро риоя намоед.

1. Интихоби зарфҳои меваҒундорӣ.

2. Риояи қоидаҳои аз тарафи муаллим ё мутахассис тавсияшуда.

Дар охири дарс аз рӯи тартиби зерин маълумот диҳед:

| Маҳсули кор | Макони кор | Вақти иҷрои кор |
|---|---|---|
| Ҷамъоварии себ | Боғи мактаб ё колхозу совхоз | $12^{00} - 12^{35}$ |

Чунин тартиби ҳисоботро дар дигар корҳо низ истифода бурдан мумкин аст.

# ДАРСИ 10

## КАШИДАНИ РАСМИ АНГУР ВА БАРГ

Ба предметҳое, ки расми онро мекашед, дар навбати аввал бодиққат нигаред, ки кашидани расм дар рӯи коғаз ба кадом тараф мувофиқ аст. Ба тарафи амудӣ тасвири аввалро бо хатҳои борик аз рӯи расми 1 тасвир кунед. Шакли умумии онро чӣ тавре ки мебинед, ҳамон тавр нишон диҳед.

Фарқияти хамшавии тарафҳоро бори дигар санҷида, баъд дар расм нишон диҳед. Дар мавриди бо ранг кор кардан хатҳои нолозимро аз рӯи коғаз пок намоед. Агар рангҳо дуруст интихоб шуда бошанд,

пас расмро якбора бо ранг кашед. Кӯшиш кунед, ки дар расм соя ва рӯшноиро ҳам акс намоед.



*Расми 1*



*Расми 2*



*Расми 3*



*Расми 4*

# ДАРСИ 11

## СОХТАНИ БОЗИЧАҲО

Ба воситаи ҷинсҳои табиӣ имконият доред, бозичаҳои дилхоҳатонро созед.

**Шакли якум.** Аз гилу тухмӣ ё меваи рустанӣ (*расми 1*).



***Расми 1***

**Шакли дуюм.** Ба воситаи пиёз (*расми 2*).



***Расми 2***

**Шакли сеюм.** Ба воситаи шаклҳои геометрӣ (*расми 3*).



***Расми 3***

# ДАРСИ 12

## СОХТАНИ ДАФТАРИ РАСМ

### Блокнот

Расми дафтарчаро аз назар гузаронед.



***Расми 1***

Муайян кунед, ки қисмҳо бо ёрии чӣ бо ҳам пайваст карда шудаанд?

Аз рӯи тартиби зерин дафтарчаро созед.

1. Тайёр кардани картон ё коғази бахмалин барои муқова (*расми 2*).

2. Интихоби 7–8 вараќи коғази хатнависӣ ба андозаи муқова (*расми 2*).




**Расми 2**

3. Болои ҳам гузоштани муқоваю варақҳо, нишона гузошта сӯрох кардани онҳо (*расмҳои 3, 4*).



**Расми 3**



**Расми 4**

Гузаронидани сим аз сӯрохиҳо ва оро додани рӯи муқова.



*Расми 5*

Дар ҳолати набудани сим аз риштаҳои махсус ё «симҳо»-и синтетикӣ (ресмони капронӣ) истифода бурдан мумкин аст.

# ДАРСИ 13

## ШИНОСОӢ БО РАССОМ АБДУЛЛО АШӮРОВ

Абдулло Ашӯров дастпарвари омӯзишгоҳи рассомии шаҳри Тошканд аст. Ӯ асарҳои худро асосан ба марди деҳқон ва манзараҳои табиати кӯҳсори ҳамешабаҳори Тоҷикистон бахшидааст. Асарҳои офаридаи ӯ «Рамаҳои ҳисорӣ», «Таракаи ҳосил», «Гусели шубон» ва монанди инҳо ҷолиби диққатанд.

Рассоми мумтоз портретҳои зиёде низ офаридааст. Ҳанӯз дар солҳои донишҷӯӣ ӯ портретҳои маорифпарвар Беҳбудӣ, шоир Мирмуллоев, ҳунарпеша Аброр Ҳидоятовро тасвир намудааст.

Бо қалами Абдулло Ашӯров портрети шоири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ офарида шудааст.

Абдулло Ашӯров рассоми бомаҳорат ва дорои фикру эҳсоси дурпарвоз аст.



# ДАРСИ 14

## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ ТИРАМОҲИ ЗАРРИН

Табиати назаррабои тирамоҳи зарринро дар мавриди сайру гашт тамошо мекунед. Кӯшиши ин зебоиро дар рӯи коғаз тасвир кардан намоед. Барои тасвири дилангез ҷоеро бояд интихоб кард, ки ҳам аз ҷиҳати шаклу намуд, ҳам аз ҷиҳати тарзи композитсионӣ рангину зебо бошад. Ҳангоми тасвири манзара фарқияти предметҳои дуру наздикро ба инобат гиред. Чӣ қадаре ки предмет дур бошад, ҳамон қадар дар расм

хурд тасвир мешавад. Самти торикӣ ва рӯшноӣ дар расм акс ёбад:





# ДАРСИ 15

## СОХТАНИ ГУЛҲО БО УСУЛИ ОРОИШИ ГЕОМЕТРӢ

Аз коғазҳои рангаю зарварақҳо сохтани занҷираю гулҳо ва дигар маснуоти ороишро аз худ кардаед. Акнун бо усули ороиши геометрӣ сохтани гулҳоро ёд гиред.

1. Аз коғази рангаи сурх доирачае бурида, аз он дар шакли секунҷа қисмеро бурида ҷудо кунед (*расми 1*).



*Расми 1*

2. Боз дар ҳамон андоза аз коғази рангаи сабз доирачае бурида, онро ба ду ҳиссаи баробар чудо кунед (*расми 2*).



*Расми 2*

3. Акнун аз коғази сабзи рангаш нисбатан паст доирачаи хурде бурида, онро низ ба ду ҳисса ҷудо кунед (*расми 3*).



*Расми 3*

4. Дар охир аз коғази сабз шакли конусро бурида, қисмҳоро ба он пайваст созед (*расми 4*).



*Расми 4*



*Расми 5*

# ДАРСИ 16

## НАҚШУ НИГОР ДАР ЛИБОСҲОИ МИЛЛӢ

Либосҳо асосан бо нигоришҳои гуногун аз гулҳои зебо ва рустаниҳо оро дода мешаванд. Аксаран либос бо нақшу нигори геометрӣ – гиреҳ низ оро дода мешавад. Барои мароқовар эҷод кардан бо ҳунарҳои халқии ноҳияҳои гуногун шинос шавед ва сирру асрори эҷодкориро омӯзед.

Нақшу нигореро мустақилона эҷод кунед, ки бо тарзи нақшҳои миллӣ мувофиқ бошад. Рангҳоро тавре интихоб намоед, ки ҷилояшон равшан ба назар расад. Чунин нақшу нигорро дар матоъҳо, зарфҳои кулолгарӣ, кандакории чӯб, дар коғазҳои ранга низ тасвир кардан мумкин аст.









# ДАРСИ 17

## БАЙРАҚЧАҲО

Оё шумо шаклҳои гуногуни байрақчаҳоро дидаед? Онҳоро кай ва дар куҷо истифода мебаранд? Медонед, ки ҳар як ҷумҳурият байрақи худро дорад?

Аз расмҳои зерин истифода бурда, шаклҳои гуногуни байраққоро сохта, онҳоро оро диҳед.






# ДАРСИ 18

## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ «КАЙҲОН» БО УСУЛИ ОРОИШИ ГЕОМЕТРӢ

Дар хусуси кайҳон (моҳ, офтоб, ситораю сайёраҳо) нақлу ривоятҳои бисёре шунидаед ва тасвири онҳоро низ дидаед.

Дар дарсҳои гузашта ба воситаи коғазҳои ранго-ранг киштичае сохта будед. Акнун ба расм нигоҳ кар-да, манзараи зеринро тасвир намоед.





# ДАРСҲОИ 19–20

## НАҚШУ НИГОРИ КУЛОЛӢ

### Сӯҳбат оид ба санъати халқӣ

Шумо бо ҳунари кулолони мо, ки дар ноҳияҳои Зарафшону Бадахшон, Исфараву Хатлон, Қаротегину Дарвоз истиқомат мекунанд, шинос ҳастед. Кулолони ин ноҳияҳо бо усулҳои ороиши гуногуну рангин аз якдигар фарқ мекунанд.

Маснуоти кулолӣ бо нигориши хеле зебо аз гулу рустаниҳои гуногун, шаклҳои геометрӣ оро дода мешавад. Зарфҳои сохтаи кулолони Исфара, махсусан қишлоқи Чоркӯҳи ин диёр бо зебоиҳои худ фарқ мекунанд. Одатан тобиши аслии зарфҳои кулолони исфарагӣ сафед буда, нақшу нигорашон дилпазир аст. Онҳо рангҳои кабуди осмониро бо ранги нилгун ва сабзу гулобиро бисёртар истифода мебаранд. Зарфҳои сафолин хонаи шуморо оро дода метавонанд.



Ороиши нақшу зарфҳои кулолиро бо диққат аз назар гузаронед. Вақти фориғ аз кор чунин нақшу нигорро дар рӯи коғаз кашед ва бо рангҳои сурх, гулобӣ, кабуди осмонӣ ороиш диҳед.

# ДАРСҲОИ 21–22

## АЗ РӮИ КОНСТРУКТСИЯ СОХТАНИ МОДЕЛИ АРҒУНЧАК

Оё шумо дар арғунчак бозӣ кардаед? Кадом намуди арғунчакҳоро дидаед?

Арғунчакҳои зеринро аз назар гузаронед:





**Супориши якум.** Расми дарахтеро кашида дар он расми арғунчакро нишон диҳед.

**Супориши дуюм.** Аз коғаз сутунчаҳо сохта арғунчаки дилхоҳатонро созед. Сутунчаҳоро ин тавр тайёр кардан мумкин аст (*расмҳои 1, 2*).



***Расми 1***



***Расми 2***

# ДАРСИ 23

## ТАСВИРИ МЕВАЧОТ

Бисёр рассомон дар мавзӯи «Натюрморт» асарҳо меофаранд. Дар ин гуна асарҳо неъматҳои табиат, гул, мева, сабзавот ва предметҳои дигар тасвир карда мешаванд.

Натюрморти рассоми боистеъдоди тоҷик А. Умаровро, ки «Тасвири мевачот» ном дорад, бо диққат тамошо намоед. Дар ин асар рассом меваҳои гуногунро рӯи дастархони пурнеъмати миллӣ хеле рангин ва мӯъҷизакорона тасвир кардааст.

Акнун худатон чунин расмро бо рангҳои гуаш ё моеъ (акварел) тасвир намоед. Ҳангоми кашидани

расм ба тарзи ҷойгиршавии он, фарқияти шаклҳо эътибор диҳед. Рангро тавре интихоб намоед, ки ба ранги аслии предметҳо мувофиқ бошад. Ба воситаи мӯқалам шаклу намуди меваҳоро бо ранги аслӣ тасвир намоед. Сипас самти рӯшноӣ ва торикиро дар расм нишон диҳед.



*Расми 1*



*Расми 2*



*Расми 3*



*Расми 4*

# ДАРСИ 24

## КОР ДАР МАЙДОНЧАИ ТАЪЛИМӢ – ТАҶРИБАВӢ

Имконият доред, супоришро вобаста ба шароити мактаб ё маҳаллаи худ интихоб кунед. Масалан, дар маҳалли обчакор ба обчакорӣ ва дар маҳалли боғот ба кори боғдорӣ ҳисса гузоштан мумкин аст.

Роҳи дигари пурра намудани таҷрибаи меҳнатӣ ин берун аз дарс ҳамкорӣ кардан бо аъзоёни оила ё колхозчиёну хонандагони синфҳои болоӣ мебошад.

Маслиҳат: дар ҷамъоварии меваҷот ё сабзавот зарфҳои бо синну солатон мувофиқ интихоб намоед. Инчунин маълум намоед, ки ҳосили ҷамъовардаи шуморо ба куҷо бурда, аз он чӣ тайёр мекунанд. Ё худ муайян намоед, ки кадом меваҷот ва сабзавотро то зимистон ва ҳатто баҳор нигоҳ медоранд.

Мувофиқи тартиби зерин дар хусуси рафти иҷрои супориш маълумот диҳед.

*Намуна.*

| **Намуди кор** | **Макони кор** | **Шахси масъул** | **Иҷрокунанда** |
|---|---|---|---|
| Ҷамъоварии ... | Саҳро, бригадаи №1 | Муаллим | Хонанда |

# ДАРСҲОИ 25–26

## АЗ РӮИ КОНСТРУКТСИЯ СОХТАНИ МОДЕЛИ ТРАКТОР

1. Кадом корҳоро трактор иҷро мекунад?

2. Трактори чорчарха аз тасмачарх чӣ фарқ дорад?

3. Қисмҳои асосии тракторро номбар кунед.

4. Тракторро кӣ идора мекунад?

Аз қуттиҳои холишудаи гӯгирд тракторро сохтан мумкин аст. Масалан, ин тавр (*расми 1*).



*Расми 1*

Аз коғазҳои ранга истифода бурда, онро оро диҳед.

# ДАРСИ 27

## СОХТАНИ АЁНИЯТ БАРОИ ДАРСИ МАТЕМАТИКА

Шумо дар синфи якум ва дуюм бо ёрии коғазу картон, гилу пластилин ва чуб аёнияти зиёде сохтед.

Аёниятҳоро аз сим низ сохтан мумкин аст. Махсусан аз сими мисину хӯлагӣ ва симҳои пулодини борику оҳанӣ аёниятҳои хубе сохтан мумкин аст.

Сохтани шаклҳои геометрӣ.

Порчаи сими дарозиаш 30 сантиметраеро интихоб карда, аз он секунҷаи баробарпаҳлу созед (*расмҳои 1, 2*).



**Расми 1**



**Расми 2**

Аз порчаи сими дарозиаш 40 см чоркунҷа созед (*расми 3*).



**Расми 3**

# ДАРСИ 28

## КОР БО ҒАЛЛАДОНАҲО

Оё медонед, ки аз донаҳои гандуму ҷав, наску нахӯд, мошу лӯбиё нақшу нигори миллӣ офарида, су-

роби зарфҳо ва ҳатто шакли парандаю ҳайвонотро сохтан мумкин аст.

1. Порчаи коғазро интихоб намуда, дар рӯи он чунин секунҷаҳоро тасвир намоед (*расми 1*).



***Расми 1***

Пас дар мобайни ҳар як секунҷа донаи нахӯдро бо ширеш ҷой карда, гирдогирди онро бо лӯбиёю биринҷ оро диҳед (*расми 2*).



***Расми 2***

2. Истакон ё косаеро интихоб карда ба танаи он як қабат хамира, гил ё пластилин молида, пас ба болои он донаҳои дилхоҳатонро тавре часпонед, ки нақши гул ҳосил шавад (*расми 3*).



***Расми 3***

3. Дар рӯи картон ё тахтачае расми харгӯшро кашед ва пас онро низ бо тухмиҳо оро диҳед (*расми 4*).



*Расми 4*

# ДАРСИ 29

## БО УСУЛИ ОҲАРДИҲӢ СОХТАНИ ЗАРФҲО

Бо оҳар (хамира) васл кардани коғазу матоъро борҳо дар ҳунари чеварон мушоҳида кардаед. Тоқидӯз бо мақсади мустаҳкам шудани тоқӣ, дӯзанда дар васли гиребони курта ва ғайра аз оҳар истифода мебарад.

Бо ин усул зарфҳо, шакли меваю сабзавот, суроби ҳайвонот ва парандаҳоро низ сохтан мумкин аст.

1. Зарфсозӣ. Ба зарфи обдор порчаҳои рӯзномаро гузоред (*расми 1*).



*Расми 1*

Зарфи дигареро интихоб карда, ба рӯи зарфи аввала гузоред.

Акнун порчаҳои намнокшударо ба сатҳи рӯи коса (*расми 2*) васл мекунанд.



**Расми 2**

Пас, аз болои қабати порчаҳои гузоштаатон хамира молида, боз порчаҳои коғази намнокро гузоред.

Ин корро 8–9 маротиба такрор кунед. Зарфро дар ҳамон ҳолат то хушк шудани коғазпораҳо нигоҳ доред, пас онро аз коса ҷудо карда бо ранг оро диҳед (*расми 3*).



**Расми 3**

# ДАРСИ 30

## СОХТАНИ АЁНИЯТҲО БАРОИ ДАРСИ ХОНИШ

Қаҳрамонони афсонаю ҳикояҳои шунида ё хондаатонро ба ёд оред. Оё шумо аз коғаз ё дигар маснуот шакли қаҳрамонони афсонаи дӯстдоштаатонро офаридаед? Амали пеш иҷро кардаатонро ба хотир оварда, чунин суратҳоро созед.




*Лаклак ва рӯбоҳ*




*Гург ва турна*



*Ду бузича*

Бузичаҳо дар болои кӯпрук ба якдигар роҳи гузар намедиҳанд ва дар натиҷа ҳарду ҳам ба дарё меафтанд. Супоришро дар рӯи картон иҷро карда, дар дарси хониш истифода баред.

# ДАРСИ 31

## НИҚОБСОЗӢ

Мушоҳида кардед, ки хурдтаракон рӯзҳои идҳои 1-май, 9-сентябр, Соли Нав, иди Наврӯз худро чӣ тавр оро медиҳанд.

Ҳар яки шумо метавонед, барои худатон чунин ниқобе созед.

Чашмбандҳо. Аз вараќи албом чунин тасмача созед (*расми 1*).



***Расми 1***

Пас дар нуқтаҳои муайяншуда чунин сӯрохиҳои чашммонанд буред (*расми 2*).



***Расми 2***

Аз рӯи нақша амал карда, қисмҳои зиёдатии атрофи чашмакҳоро буред (*расми 3*).



**Расми 3**

Барои мустаҳкам шудани чашмбанд онро ба дока васл созед ва аз канораҳо (гӯшакҳо) бандчаҳо часпонед (*расмҳои 4, 5*).



**Расми 4**



**Расми 5**

Агар хоҳед, ки ниқобатон шакли парандаро гирад, пас ба он чунин «нӯл» илова намоед (*расми 6*).



**Расми 6**

Барои ҳосил кардани суроби ҳайвонот танҳо дорачае ба нӯл илова кардан лозим аст (*расми 7*).



*Расми 7*

# ДАРСИ 32

## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ ЗИМИСТОН

Ба хотир ор, ки фасли зимистон чӣ гуна фасл аст. Чӣ тавр барф меборад. Бачаҳо чӣ тавр ба теппа баромада, лағжонакбозӣ ва барфбозӣ мекунанд. Дарахтони арча дар фасли зимистон чӣ гуна рангу намуд доранд. Мувофиқи тасаввуроти худ дар мавзӯи «Манзараи зимистон» расмкашӣ намоед. Метавонед дар атрофи теппаи барфпӯш осмон, дарахтон, бачаҳои хушҳолро, ки дар гирди бобои барфӣ машғули бозианд, тасвир намоед.

Тарзи кашидани аввали расм ин тавр оғоз меёбад.





# ДАРСИ 33

## ПАРВАРИШИ РУСТАНИҲО

Дар таътили зимистона ба кадом корҳо машғул шудаед? Оё дар гармхонаҳо ё хона ба парвариши рустаниҳо машғул шудед? Супориши зеринро иҷро намоед.

1. Бехи ниҳолчаҳои гулҳоро нарм карда, обу ғизо диҳед.
2. Мушоҳида намоед, ки кадом рустаниҳо нисбатан обталабанд.
3. Ду рустании якхеларо дар шароити гуногун, якеро дар офтобрӯя, дигареро дар соя парвариш намуда муайян кунед, ки кадоме аз онҳо тезтару зудтар нашъунамо ёфтааст ва чаро.
4. Расми яке аз гулҳои парвариш кардаатонро кашед. Тасвири гул.

# ДАРСҲОИ 34–35

## АЗ РӮИ КОНСТРУКТСИЯ СОХТАНИ МОДЕЛИ ЧАНА ВА ТАСВИРИ МАНЗАРАИ ЯХМОЛАКБОЗӢ

Дар фасли зимистон яхмолакбозӣ кардаед? Бо чанаҳо тохтаед? Бо лижа чӣ?

Кадом намуди чанаҳоро дидаед? Одамон аз чана чӣ тавр истифода мебурданд?

Шумо аз чӯбу фанер чунин чанача созед (*расми 1*).



*Расми 1*

Акнун манзараи яхмолакбозиро тасвир намоед.



*Расми 2*

# ДАРСИ 36

## СОХТАНИ БОЗИЧАҲОИ ҚИСМАН ҲАРАКАТКУНАНДА

Барои оро додани арчаи солинавӣ бозичаҳои зиёде сохтаед. Акнун имконият доред барои хурдтаракони боғча бозичаҳои гуногуни қисман ҳаракаткунанда созед. Масалан, бозичаи «Гунҷишкакон дон мехӯранд»-ро ин тавр сохтан мумкин аст.

1. Тайёр кардани қисмҳо.



2. Пайвасти қисмҳо ва сохтани бозича.



Аз рӯи мавзӯъҳои «Лаклак ва рӯбоҳ», «Деҳқон ва хирс», «Гург ва турна» низ чунин бозичаҳо сохтан мумкин аст.

# ДАРСИ 37
## СОХТАНИ САБАДЧА

Шумо бофтани сабадчаҳоро аз коғаз, сим, химча ва ғайра аллакай омӯхтаед. Акнун имконият доред аз рӯи нақша чунин сабадчаҳо созед (*расми 1*).



**Расми 1**

Сабадчаи дар расм будаtakро метавонед аз рӯи нақшаҳои зерин созед.




**Расми 2**



**Расми 3**



**Расми 4**

Варақи албомро аз рӯи андозаи нишондодашуда (*расми 2*) ба шакли квадрат дароред ва онро мувофиқи нақшаи сеюм бурида сабадча (*расми 4*) созед.

# ДАРСИ 38

## НИГОҲУБИНИ ПАРАНДАҲО

Дар маҳалли шумо кадом парандаҳоро дидан мумкин аст? Оё фермаи парандапарвариро дидаед? Супоришҳои дар хона дар бобати парвариши парандаҳо иҷро кардаатонро дар ҷадвал қайд кунед.

*Намуна.*

| № | Намуди кор | Вақти иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1 | Ба мурғон додани дон | саҳар, нисфирӯзӣ, бегоҳӣ | Худам бо аҳли оилаам |
| 2 | Нигоҳубини ҷӯҷаҳо | нисфирӯзӣ, пешин бегоҳ | |

**Супориш.** Лаҳзаҳои донхӯрӣ ва обнӯшии парандаҳоро мушоҳида карда, расми онҳоро кашед

**Тарзи иҷрои супориш.** Дар расм аввал бадан, сар ва баъд дигар узвҳоро бо хатҳои ниҳоят борик нишон диҳед (*расми 1*).



*Расми 1*

Сипас барои муқоиса расмро бодиққат санҷида норасоиҳои онро ислоҳ намоед (*расми 2*).



***Расми 2***

Акнун бо ранг расмҳои кашидаатонро пурра созед.

# ДАРСҲОИ 39–40

## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ ДЕҲА

Пеш аз тасвир кардани манзара дар навбати аввал ҷоеро интихоб намоед, ки ҳам аз ҷиҳати зебоӣ, ҳам аз ҷиҳати тарзи композитсионии худ ҳаматарафа мароқовар ба назар расад. Акнун навоварона ба хатҳои мулоим шакли умумии манзараеро тасвир кунед, ки он деҳаи дӯстдоштаатонро ба хотир орад.

Элементҳои боқимондаро дар расм оҳиста-оҳиста ва эҷодкорона ба анҷом расонда, норасоиҳоро бартараф намоед. Кӯшиш кунед, ки ба акварел, қалами

ранга ё гуаш манзараро оро диҳед. Ба ранги интихобшуда камтар ранги равшан ва ё тира илова намоед, то ранги дилхоҳи таҳранг ба нусхаи аслӣ пайдо шавад. Агар ранги дилхоҳатон пайдо шавад, ба иҷрои кор шурӯъ кунед. Бо мӯқалам рангро рӯи расм тавре омезиш диҳед, ки нишебӣ ва баландӣ дар он намоён шавад.

Манзараи табиатро дар як маврид бо ранг тасвир намоед. Фарқияти торикӣ ва рӯшноӣ, вазни рангҳоро дуруст тасвир кунед, то ки ҷилои рангҳо равшантар ба назар расад.











# ДАРСИ 41

## СОХТАНИ БОЗИЧАҲОИ МУЛОИМ

Оё медонед, ки пештар чӣ гуна бозичаҳои мулоимро месохтанд?

Масалан, духтарчаҳо бо риштаю матоъ лӯхтак бофта, писарчаҳо аз мӯинаи ҳайвонот тӯпчаҳо месохтанд. Имрӯзҳо шумораи чунин бозичаҳои мулоим бешуморанд. Хирсчаҳои бахмалину хазандаҳои резинӣ аз қабили чунин бозичаҳоянд.

Шумо низ суроберо интихоб карда бозича созед. Масалан, ин тавр: як порча матоъ гирифта ду қат карда ба рӯи он расмеро кашед (*расми 1*). Бо қайчӣ аз рӯи хатҳои ишоратшуда онро буред (*расми 2*).



Расми 1



Расми 2

Баъд атрофи суроби ҳосилкардаатонро дӯхта, ба ковокии он пахта ҷой кунед (*расми 3*). Дар охир барои чашмҳо тугмачаҳо дӯхта, бозича ҳосил кунед.



Расми 3

## ДАРСИ 42
## ТӮҲФА БА АСКАРОН

Бахшида ба рӯзи ташкилёбии Артиши Тоҷикистон тӯҳфаҳо сохта, падару бародаронатонро табрик намоед.

Тӯҳфаҳоро дар шаклҳои гуногун сохтан мумкин аст.

1. Бо усули ороиши геометрӣ шаклҳои зеринро буред (*расмҳои 1, 2*).



**Расми 1**



**Расми 2**

2. Шаклҳои буридаатонро аз рӯи расми зерин ҷо ба ҷо гузоред (*расми 3*).




**Расми 3**

## ДАРСИ 43

### ТАСВИРИ ҒӮЗАИ ПАХТА

Дар мавриди кашидани ғӯзаи пахта зарур аст, ки ба шакли умумии он шинос шавем. Намуди аслии ғӯзаи пахта дар аввал шакли доираро мемонад.

Барои ҳамин дар рӯи коғаз бо хатҳои борик асоси расмро кашида, сипас хатҳоро пайваст намуда, кӯшиш намоед, ки шакли аслии кӯраки пахта дар расм аён гардад. Акнун бо рангҳои муносиб корро ба анҷом расонед. Дар вақти холӣ бо ғӯзаи пахта нақшу нигорро мустақилона дар коғаз эҷод намоед.









# ДАРСҲОИ 44–45

## СОХТАНИ АРОБАЧА

Оё дидаед, ки бо аробача кадом корҳоро иҷро мекунанд? Қисмҳои асосии аробача кадомҳоянд? Аробаро асосан аз чӣ месозанд? Аробачаро метавонед дар шакли оддӣ ин тавр созед.

**Шакли якум.** Аз қуттичаҳои гӯгирд, сим, чӯбчаҳо, картон (*расмҳои 1, 2, 3*).



Расми 1



Расми 2



Расми 3

Як қисми қуттии гӯгирдро (*расми 1*) ба сифати соғу ва қисми дигарашро (*расми 2*) ба сифати таҳкурсӣ интихоб намоед. Ба сифати дастаҳо тасмачаҳои картонӣ (*расми 3*) ва ба сифати чархҳо аз тугма ё доирачаҳои картонию чӯбин истифода баред. Мувофиқи расми зерин аробача созед.

**Шакли дуюм.** Аробачаро аз сим, картон, чӯбчаҳо, фанер ва ғайра сохтан мумкин аст. Масалан, ин тавр: интихоби тахтачаҳои зер ва паҳлӯӣ (*расмҳои 4, 5, 6*).



Расми 4



Расми 5



Расми 6

Буридани чархҳо ва тирчӯбҳо.



Расми 7



Расми 8

Пайвасти қисмҳо, сохтани аробача (*расми 9*).



Расми 9

Қисмҳоро бо сим, ширеш ё мехча пайваста кардан мумкин аст.

## ДАРСИ 46

## НИГОҲУБИНИ РУСТАНИҲО

Аз назар гузаронед, ки рустаниҳои рӯёнидаатон дар кадом ҳолатанд.

Кадоме аз онҳо гул кардааст, кадомашон дар арафаи нашъунамост? Чӣ гуна рустаниҳоро аз кӯчат тай-

ёр кардаед? Натиҷаи супоришҳои иҷро кардаатонро дар дафтар ба қайд гиред. Инчунин ба ҳисоб гиред, ки обу ғизодиҳӣ ва равшанӣ чӣ тавр натиҷа додааст.

Ҷадвали зеринро пур кунед.

*Намуна.*

| № | Номи рустанӣ | Намуди ғизо | Вақти иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Помидор | Поруи маъданӣ | Вақти нармкунӣ | Бо якҷоягии оила |
| 2 | Номи рустанӣ | Поруи маъданӣ | Пеш аз обмони | Ману падарам |

# ДАРСИ 47

## ШИНОСОӢ БО РАССОМ АҲМАД УМАРОВ

Шавқу завқи рассомӣ дар қалби Аҳмад Умаров ҳанӯз аз айёми мактабхонӣ ҷӯш мезад. Баъди хатми мактаби миёна ӯ ба даргоҳи омӯзишгоҳи рассомии шаҳри Душанбе қадам ниҳод ва орзуяш амалӣ гардид. Аҳмад Умаров пас аз хатми омӯзишгоҳ дар қатори дигар ҷавонони лаёқатманд барои сайқали донишу истеъдоди эҷодӣ ба донишкадаи олии рассомии шаҳри Тошканд ба хондан меравад. Баъди хатми донишкада ба Душанбе баргашта, ба кори эҷодӣ миён баст. Аҳмад Умаров рассоми гуногунжанр аст.

Дар ҳар як асари ӯ услубу тарҳи офариниш, лаҳзаҳои рангини фикри ӯро дарёфт мекунем. Дар асарҳои ин рассом манзараҳои ҳамешабаҳор, саховату дилангезии диёри мо тараннум ёфтааст.



Мусаввараи «Чинор» дорои мундариҷаи ягона ва банду басти муайян аст. Дар он маҳорату ҳунар ва

фикру эҳсоси дурпарвози рассом ба назар мерасад. Дар ин асар мо чинори баҳашамат, дар атрофаш чанд кат ва одамонро ҳангоми сӯҳбату истироҳат мебинем. Муаллиф ба воситаи рангҳо бори дигар дилбастагии инсонро ба табиат, ба табиати зиндаю зебою дилрабо ифода намудааст.

# ДАРСҲОИ 48–49

## СОХТАНИ ЧОҲ

Дар бисёр гӯшаю канори сайёраи замин одамон ба воситаи чоҳ об мебароранд. Дар Тоҷикистони мо низ аз чунин манбаи об истифода мебаранд. Масалан, дар маҳалҳои аз сатҳи дарёю ҷӯйҳои равон баланд заминро чуқур мекобанд, то ба дараҷае, ки об мебарояд. Сипас болои он ҳалоҷӣ сохта, имконияти обкашро фароҳам меоранд.

Шумо низ метавонед мувофиқи расму нақшаҳои зерин шакли чоҳро созед.

Аз як порчаи картон мувофиқи нақшаҳои як ва ду як қуттӣ ва як порчаи чоркунҷа созед.



Аз як порча сим мувофиқи расми поин дастаи ҳалоҷиро созед. Як ғалтак ёфта ба симдаста гузаронед ва ба он ресмон печонед.



Қисмҳои алоҳидаро ба ҳам пайваст кунед, шакли чоҳ ҳосил мешавад. Аз пластилин як сатилча сохта, ба даруни қуттӣ гузоред.



## ДАРСИ 50

## ТӮҲФА БА ИДИ МОДАРОН

Чаро рӯзи 8-март ба модаронамон тӯҳфа дода, онҳоро табрик мегӯем?

Оё шумо боре барои модаратон бо дасти худ тӯҳфа сохтаед? Медонед, ки аз тӯҳфаи шумо модар чӣ қадар хурсанд хоҳад шуд? Тӯҳфаро дар шакли гуногун сохтан мумкин аст.

«Дафтарчаи худкушо» – чунин дафтарчаро аз вараққои албом ва коғазҳои ранга сохтан мумкин аст.




Дафтарчаи сохтаатонро қат карда ба модаратон тақдим кунед. Метавонед тӯҳфаи дилхоҳи худ: китобча, дастаи гул, суратҳои гуногунро низ созед.

# ДАРСИ 51

## СОХТАНИ ТЕРМОМЕТР

Чунин аёният барои дарси табиатшиносӣ ниҳоят зарур аст. Асбоби номбурдаро аз коғази ранга, картон ва ришта ин тавр сохтан мумкин аст.

1. Сохтани сатҳи асбоб ва кашидани ҷадвали он (*расми 1*).




**Расми 1**

2. Пайвасти риштаҳо ва истифодаи он. Барои ишораи сутунчаи симобӣ аз риштаи сурх истифода баред.




# ДАРСИ 52

## СОХТАНИ БОЗИЧАҲОИ ҚИСМАН ҲАРАКАТКУНАНДА «ДОРБОЗ»

Оё шумо санъати дорбозонро аз наздик дар сирк ё ба воситаи киною оинаи нилгун дидаед?

Бозичаи дар расм (*расми 1*) буда «Дорбоз» ном дошта, аз қисмҳои зерин иборат аст: одам, чӯбчаҳо ва ришта. Ҳар як узви одам дар алоҳидагӣ сохта шуда, пас бо ҳам васл карда мешавад. Масалан, ин тавр:



***Расми 1***



***Расми 2***



***Расми 3***



***Расми 4***



***Расми 5***



***Расми 6***

Чуноне ки аз расмҳо (*расмҳои 2, 3, 4, 5, 6*) маълум аст, ҳар як узв: дастон (2), бадан (3), поҳо ҷудо-ҷудо сохта шуда бо сим тавре пайваст (васл) карда мешаванд, ки ҳар кадоме ҳаракат намояд. Ба расмҳо нигоҳ карда бозичаро созед.

Дастон яклухт, пойҳо ба ду қисм ҷудо карда мешавад. Дастон аз ду нуқта сӯрох карда аз онҳо ришта гузаронида мешавад.

# ДАРСИ 53

## СОХТАНИ ГУЛҲО

Гулҳоро на танҳо тасвир мекунанд, балки онҳоро аз коғаз, матоъ, ҷисмҳои сунъӣ ва баргу тухми рустаниҳо сохтан мумкин аст.

1. Сохтани гулҳо аз коғаз. Гули лола: аз коғази тунук (зарварқ) чунин қисмҳо (барг)-ро буред (*расми 1*).

Пас сими мисинро интихоб намуда ба нӯги он резакоғазҳоро лӯндача карда бандед (*расми 2*).



**Расми 1**



**Расми 2**

Акнун баргҳоро гирдогирди он қабат-қабат гузоред (*расми 3*).

Дар охир аз коғази сабз баргчаҳо бурида ба думча пайваст кунед (*расми 4*).



**Расми 3**



**Расми 4**

2. Аз баргҳои рустаниҳо. Баргҳоро ҷамъоварӣ карда ба зарфи рангдор андохта, пас онҳоро гирифта хушконед (*расмҳои 5, 6, 7*).



Расми 5



Расми 6



Расми 7

Сипас сим ё чӯбчаеро интихоб карда, ба нӯги он пластилин ё гили сақочашаклеро гузоред (*расми 8*).



Расми 8

Пас, баргҳои хушккардаатонро гирдогирди сақоча халонед (*расми 9*).



Расми 9

# ДАРСИ 54

## ТАСВИРИ КӮЗА ВА БАРГ

Кӯшиш кунед, ки тарзи ҷойгиршавии шакли умумии предметҳо ба андозаи коғаз мувофиқ бошад. Акнун ҳаракат намоед, ки шакли аслии предметҳо дар расм тасвир шавад. Барои ҳамин баъд аз тасвири тахминӣ зарур аст, ки фарқияти тарафҳоро бори дигар аз назар гузаронед. Норасоиҳоро бартараф кунед, сипас рангро тавре интихоб намоед, ки ба нусхаи аслӣ мувофиқ бошад. Ранги баргро назар ба кӯза равшантар тасвир кунед. Пас аз ин сояро дар кӯза пурқувват гардонед ва тобиши рангинро дар расм тасвир намоед.



# ДАРСИ 55

## СОХТАНИ ШАКЛИ ПАРАНДАҲО

Чунин ҷалғӯза (аз дарахти арча)-ро интихоб кунед (*расми 1*).

Дар он чунин чӯбчаҳоро ба воситаи гил ё пластилин пайваст кунед (*расми 2*).



***Расми 1***



***Расми 2***

Аз гил ё пластилин калла ва панҷаҳо сохта ба чӯбчаҳо пайваст кунед (*расми 3*).



***Расми 3***

Дар охир парҳоро аз коғаз часпонда онро оро диҳед (*расми 4*).



***Расми 4***

# ДАРСИ 56

## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ БАҲОРӢ

Баҳор фасли дилафрӯзи сол аст. Табиат дар ин айём сабзу хуррам аст. Бӯи хуши сабзаи навхез ва гиёҳҳои гуногуни худрӯй ба одам рӯҳи тоза мебахшад. Дашту саҳро ба сар чодари рангин гирифта, ба иди Наврӯз тайёрӣ мебинад. Обшорон таронаи Наврӯз мехонанд.

*Наврӯзи навбаҳорон,*
*Ҳам мавсими гул омад.*
*Аз кӯҳу дашту саҳро,*
*Овози булбул омад.*

Фасли Наврӯз омаду гардид
саҳро лолазор,
Занги дилро мебарад бӯи баҳор.
Булбулон андар хурӯшанд дар чаман,
Кӯдакон андар тамошо беқарор.

(А. Деҳотӣ)







**Манзараи баҳорӣ**

# ДАРСИ 57

## КОРҲОИ ХОҶАГӢ

Шароити мактабу маҳалли худро ба инобат гирифта, иҷрои супоришҳои заруриро ба нақша гиред. Дар хотир доред, ки шумо на танҳо супоришро иҷро мекунед, балки бо кӯшишу ғайрат нозукиҳои ҳар як касбро аз худ менамоед. Масалан, муайян намоед, ки маҳз кадом хӯрокиҳо боиси фарбеҳшавии чорво мегардад? Чаро тобистон ҳайвонотро ба кӯҳистон мебаранд? Чунин муомилаҳо нисбат ба касби боғдорию обчакорӣ зиёд аст ва шумо бояд сирри онҳоро то дараҷае донед.

# ДАРСҲОИ 58–59

## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ КИШТУКОР

Ба саёҳат баромада, манзараи атроф (киштукор)-ро мушоҳида кунед, манзараи мушоҳидакардаатонро аз рӯи тартиби зерин тасвир намоед.









# ДАРСИ 60

## НИГОҲУБИНИ РУСТАНИҲО

Рустаниҳое, ки шумо онҳоро парвариш карда истодаед, дар кадом ҳолатанд? То имрӯз ба онҳо ба кадом миқдор порӯҳои маданӣ додаед? Кадом рустаниҳо бештар обталабанд? Корҳои минбаъдаатонро чун пештара аз рӯи тартиби зерин ба ҳисоб гиред:

| Номгӯи рустаниҳо | Вақти кишт | Обу ғизо | Ҳосил |
|---|---|---|---|
| 1. Пиёз | 10-III-99 | Поруҳои маданӣ | 1 май |
| 2. | | | |
| 3. | | | |

# ДАРСИ 61

## ТАЪМИРИ КИТОБ

Оё китобҳои худ ва хоҳаракону додаронатонро аз назар гузаронидаед, ки дар кадом ҳолатанд? Китоби даридаро чӣ тавр таъмир мекунанд? Барои таъмири китобу маҷалла ва ғайра кадом маснуот лозим аст. Табиист, ки барои таъмири китоб ширеш, ришта, коғази ниҳоят тунук, матоъ ва ғайра зарур аст. Агар муқоваи китобатон ҷудо шуда бошад, пас ҳатман барои пайвасти он матоъ, ришта ва сим лозим аст. Агар варақе аз он дарида бошад, пас коғази ниҳоят тунук лозим аст, то ки ҳарфҳо дар зери он варақ намоён монанд, варақи даридаи китобро ин тавр дарбеҳ мекунанд.



# ДАРСИ 62

## СОХТАНИ БОЗИЧАҲОИ АФСОНАВӢ

Кулолгарӣ дар сарзамини мо таърихи қадимӣ дорад. Бисёр кулолони ноҳияҳои Тоҷикистон барои кӯдакон аз лой бозичаҳои гуногунранг ва гуногуншаклро эҷод мекунанд. Махсусан дар рӯзҳои иди Наврӯз ба бачаҳо ҳуштак ҳадя мекарданд. Онҳо ҳуштаккашон давутоз мекарданд ва садои онҳо ҳама ҷоро мегирифт. Калонсолон бачаҳоро аз ҳуштаккашӣ боз намедоштанд, зеро чунин мешумориданд, ки ҳуштак бод, бод абр ва абр борон меорад. Устоҳо ҳуштакро аз лой ва чӯб месохтанд. Ҳуштакро дар шакли ҳайвоноти дар Тоҷикистон мавҷудбуда ё дар шакли ҳайвоноти афсонавӣ месохтанд. Акнун кӯшиш кунед аз лой, чӯб, пластилин персонажҳои саҳнаҳои дӯстдоштаатонро мустақилона созед. Дар вақти сохтан аз қисмҳои ҷудогона сар кунед. Аввал бадан, сипас сар ва баъд панҷаҳоро созед. Бозичаҳои сохтаатонро бо рангҳои сафедтоб, сурхтоб, кабуд ё бунафш оро додан мумкин. Чунин бозичаҳои зебою рангини эҷодкардаатонро ба дӯстонатон тӯҳфа диҳед.

Пас аз сохтану ороишдиҳии бозичаҳо метавонед онҳоро дар расм тасвир намоед.



# ДАРСИ 63
## БОФТАНИ САБАДЧАҲО

Оё шумо медонед, ки замонҳои пеш сабадро дар тамоми корҳои рӯзгор ба кор мебурданд? Масалан, чунин сабадҳоро дар корҳои хоҷагӣ истифода мебурданд.

Дар бофтани сабадҳо аз химчаҳои бед, тут, қамиш ва ғайра истифода мекунанд. Солҳои охир боғдорон аз шаклҳои гуногуни сабадҳо истифода мебаранд. Шумо имконият доред чунин сабад бофед:

1) интихоби химчаҳои торӣ ё худ сатҳӣ;

2) интихоби химчаҳои пуд.

Рӯи замини нарм як доирача мекашем ва атрофи он химчаҳои тарро ба таври зерин мустаҳкам мекунем.

Химчаҳои пуд пай дар пай ва байни торҳо гузаронида мешавад.













# ДАРСҲОИ 64–65

## КОРҲОИ САҲРОӢ

Шароити мактаби худро ба инобат гирифта, ба хонандагони синфҳои болоӣ ёрӣ расонед.

1. Дар кори боғдорӣ нарм кардани бехи ниҳолу дарахтон, ғундоштани баргу пояи растаниҳо ва шохчаҳои буридашуда, сафед кардани танаи дарахтон ва ғайра.

2. Дар кори обчакорӣ – хишова кардани алафҳои бегона, нарм кардани бехи ниҳолҳо, додани обу пору.

3. Дар кори чорводорӣ – нигоҳубини баррачаю гусолачаҳо, додану ему хошок ба онҳо.

4. Дар кори парандапарварӣ – додани обу дон, тоза кардани катакчаҳо, ҷамъ карда ба қуттиҳо гузоштани тухмҳо.

# ДАРСИ 66

## ТАСВИРИ МОҲӢ

Дар рӯзҳои офтобӣ бо ҳамроҳии калонсолон ба соҳили дарёҳо, кӯлҳо ба тамошо меравед. Дар он ҷо моҳиҳои гуногунрангу гуногуншаклро мебинед, ки чӣ тавр шино мекунанд. Ба воситаи оинаи нилгун намоиши «Дар олами ҳайвонот»-ро тамошо мекунед. Шояд қиссаи «Моҳии тиллоӣ»-ро хондаед. Барои мароқовар кашидани расмҳои фантастикӣ аз хотир ва тасаввуроти худ якчанд моҳиро ба рангҳои моеъи гуаш ва қаламҳои ранга тасвир кунед.















# ДАРСИ 67

## ҶАМЪОВАРИИ ТУХМИҲО

Оё мушоҳида кардаед, ки тухмиҳо чӣ тавр ҳосил мешаванд? Дар маҳалли шумо кадом гиёҳҳо мерӯянд ва оё тухмии онҳоро ҷамъоварӣ кардаед? Чаро тухмиҳоро дар соя нигоҳ медоранд? Кадом рустаниҳо соли аввал, кадомашон соли дуюм тухмӣ медиҳанд. Дар дафтаратон чунин ҷадвал кашида, онро пур кунед.

| Номи гиеҳҳо | Мӯҳлати тухмидиҳӣ |
|---|---|
| | |

# ДАРСИ 68

## СУПОРИШҲО ДАР ТАЪТИЛ

Вобаста ба шароити маҳал ба калонсолон ёрӣ расонед. Бо мақсади ба ҳисоб гирифтани супоришҳои иҷрокардаатон як дафтарча созед.

# ТАВСИЯ

**Ғарзи иҷрои кори амалӣ дар мавзӯи тасвир аз асл**



# Тарзҳои тасвир аз рӯи мавзӯъ















# Наққошӣ





## Намудҳои санъати тасвирӣ

*Зинданигорӣ*



*И.И. Шишкин. Пайраҳаи ҷангалӣ*



*И. Айвазовский. Мавҷи нуҳум*



*И. Левитан. Тирамоҳи заррин*



*Исуфджан Сангов. Исуфҷон Ман бо модарам*



*Зиёратшо Давутов. Боги ботаникӣ*



*Мурриват Бехназаров. Манзарии тирамоҳӣ*



*Раҳим Сафаров. Баҳор. Аз маҷмӯаи фаслҳои сол*



Ғафур Ҷураев. Кӯҳҳои Исфара



*Бахтиёр Одинаев. Субҳи декабрӣ*



*Муриват Бекназаров. Мусиқа*

# Ҳайкалтарошӣ





## Меъморӣ



# МУНДАРИЧА

1. Саёҳат. Экскурсия ........ 3
2. Суробсозӣ ва ороиши зарфҳо ........ 3
3. Аломатҳои роҳ ........ 5
4–5. Чароғаки роҳнамо ........ 6
6–7. Модели автомобил ........ 7
8. Гулдӯзӣ ........ 8
9. Ёрӣ дар ҷамъоварии ҳосил ........ 9
10. Кашидани расми ангур ва барг ........ 10
11. Сохтани бозичаҳо ........ 11
12. Сохтани дафтари расм. Блокнот ........ 13
13. Шиносоӣ бо рассом Абдулло Ашӯров ........ 15
14. Тасвири манзараи Тирамоҳи заррин ........ 16
15. Сохтани гулҳо бо усули ороиши геометрӣ ........ 17
16. Нақшу нигор дар либосҳои миллӣ ........ 19
17. Байрақчаҳо ........ 21
18. Тасвири манзараи «Кайҳон» бо усули ороиши геометрӣ ........ 22
19–20. Нақшу нигори кулолӣ ........ 23
21–22. Аз рӯи конструктсия сохтани модели арғунчак ........ 24
23. Тасвири меваҷот ........ 25
24. Кор дар майдончаи таълимӣ – таҷрибавӣ ........ 27
25–26. Аз рӯи конструктсия сохтани модели трактор ........ 28
27. Сохтани аёният барои дарси математика ........ 28
28. Кор бо ғалладонаҳо ........ 29

29. Бо усули оҳардиҳӣ сохтани зарфҳо ............ 31
30. Сохтани аёниятҳо барои дарси хониш ............ 32
31. Ниқобсозӣ ............ 34
32. Тасвири манзараи зимистон ............ 36
33. Парвариши рустаниҳо ............ 37
34–35. Аз рӯи конструктсия сохтани модели чана ва тасвири манзараи яхмолакбозӣ ............ 37
36. Сохтани бозичаҳои қисман ҳаракат кунанда ............ 38
37. Сохтани сабадча ............ 40
38. Нигоҳубини парандаҳо ............ 41
39–40. Тасвири манзараи деҳа ............ 42
41. Сохтани бозичаҳои мулоим ............ 44
42. Тӯҳфа ба аскарон ............ 45
43. Тасвири ғӯзаи пахта ............ 46
44–45. Сохтани аробача ............ 48
46. Нигоҳубини рустаниҳо ............ 49
47. Шиносоӣ бо рассом Аҳмад Умаров ............ 50
48–49. Сохтани чоҳ ............ 52
50. Тӯҳфа ба иди модарон ............ 53
51. Сохтани термометр ............ 54
52. Сохтани бозичаҳои қисман ҳаракат кунанда «Дорбоз» ............ 55
53. Сохтани гулҳо ............ 56
54. Тасвири кӯза ва барг ............ 59
55. Сохтани шакли парандаҳо ............ 60

56. Тасвири манзараи баҳорӣ ........................................ 61
57. Корҳои хоҷагӣ ........................................ 63
58–59. Тасвири манзараи киштукор ........................................ 63
60. Нигоҳубини рустаниҳо ........................................ 64
61. Таъмири китоб ........................................ 65
62. Сохтани бозичаҳои афсонавӣ ........................................ 66
63. Бофтани сабадчаҳо ........................................ 67
64–65. Корҳои саҳрой ........................................ 69
66. Тасвири моҳӣ ........................................ 70
67. Ҷамъоварии тухмиҳо ........................................ 72
68. Супоришҳо дар таътил ........................................ 73
Тавсия ........................................ 75

**Б. БОЙНАЗАРОВ, Д. ҲАЛИМЗОДА, Г. РАҶАБАЛИЕВА**

# САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

## БАРОИ СИНФИ 3


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | **М. Умаров** |
| Мусаҳҳеҳ | **Б. Мирзоев** |
| Дизайн ва ороиш | **М. Муродов** |
| Муҳаррири техникӣ | **Д. Қурбонов** |
| Саҳифабанд | **Г. Турдиева** |
| Чопи компютерӣ | **М. Боева** |
| Рассом | **Б. Бойназаров** |


**© Хазинаи хайрияи «Сарпараст», 2007**

**Литсензияи № 049**

Ба матбаа 20.04.2007 супурда шуд. Ба чоп 20.04.2007 имзо шуд.
Коғази офсет №1. Гарнитурааш Arial. Ҷузъи чопӣ шартӣ 6,0.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 1,025. Теъдоди нашр 20 000.

---

Отпечатано в ОАО «Саратовский полиграфический комбинат».
410004, г. Саратов, ул. Чернышевского, 59.

# СУРУДИ МИЛЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шеъри Гулназар Келдӣ* *Оҳанги Сулаймон Юдаков*

*Диёри арҷманди мо,*
*Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,*
*Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.*
*Зи дурии замонаҳо расидаем,*
*Ба зери парчами ту саф кашидаем,*
*кашидаем,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Барои нангу номи мо*
*Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,*
*Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,*
*Хазон намерасад ба навбаҳори ту,*
*Ки мазраи вафо бувад канори ту,*
*канори ту,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Ту модари ягонаӣ,*
*Бақои ту бувад бақои хонадони мо,*
*Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,*
*Зи ту саодати абад насиби мост,*
*Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,*
*ҳабиби мост,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

## НИШОНИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



## ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН

